**Тақриз**

**ба рисолаи доктории Зарина Азизова дар мавзӯи “Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Мусаллам аст, ки дар забоншиносии муосир, хусусан дар забоншиносии муқоисавӣ солҳои охир ба таҳлилу таҳқиқи сохтори забонӣ, истифода ё функсияҳои воҳидҳои забонӣ, аз он ҷумла ибораҳои рехта ё воҳидҳои фразеологӣ эътибори зарурӣ дода шуда истодааст. Бояд қайд кард, ки зарбулмасал ва мақолҳо ба воҳидҳои коммуникативии фразеологӣ дохил мешаванд ва мавзӯъ, мундариҷаю ғояҳои онҳо таҳқиқ гаштаанд, лек сохтори грамматикии онҳо, яъне хусусиятҳои морфологию синтаксисашон хело кам ва ба тариқи муқоисавӣ – англисию тоҷикӣ бошад, мавриди тадқиқот нагаштааст, ки мубрамияти мавзуро собит мегардонад.

Таҳқиқоти Азизова Зарина нахустин омӯзиш ва таҳқиқи пурраи вижагиҳои сохтори морфологӣ ва синтаксисии зарбулмасалу мақолҳои англисию тоҷикӣ дар муқоиса мебошад.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боби асосӣ, хулоса ва руйхати адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои лексикографӣ ва маводҳои тадқиқотӣ иборат аст. Дар муқаддима диссертант андешаҳои забоншиносонро доир ба муаммои номбаршуда таҳлил кардааст. Дар асоси ақидаҳои як қатор забоншиносон мисли, В.В.Виноградов, А.В.Кунин, М.Фозилов, Ю.А. Рубинчик, Г.Л. Пермяков, Ҳ.Маҷидов, М.Н.Азимова ва дигарон, ӯ исбот карда тавонистааст, ки зарбулмасал ва мақолҳо дорои хусусиятҳои коммуникативӣ буда, вазифаҳои муҳимро дар нутқ иҷро мекунанд.

Боби аввали рисолаи докторӣ характери назариявӣ дошта, он ба таҳлили муаммоҳои мубрами мавзӯъ бахшида шудааст ва аҳаммияти басо муҳим дорад. Инчунин, дар ҳамин боб фарқияти зарбулмасал аз мақол нишон дода шуда, бо мисолҳо собит гардидааст.

Дар боби дуюми рисола хусусиятҳои сохтори морфологии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои муқоисашаванда мавриди тадқикот гаштааст. Дар натиҷаи таҳлил хусусиятҳои хоси истифодаи ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқ дар забони зарбулмасалу мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян карда шуда, дуруст қайд гардидааст, ки ҳиссаҳои зерини нутқ чун исм, сифату зарф ва замонҳои асосии феъл дар забони зарбулмасалҳои англисию тоҷикӣ фаровонтар истифода гардидаанд. Инчунин, хусусиятҳои изоморфизм ва алломорфизм дар истифодаи онҳо муайян карда шудааст.

Дар боби сеюм бошад, сохтори синтаксисии зарбулмасалалу мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки ҳамаи намудҳои ҷумлаҳоро, ки дар фонди зарбулмасалу мақолҳои забонҳои мавриди муқоиса вомехӯранд, аз ҷиҳати сохтор ба риштаи таҳлил кашад.

Ҳамин тариқ, зарбулмасалу мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар шакли ҷумлаҳои сода, мураккаби пайваст ва тобеъ таҳлил гардидаанд. Дар зарбулмасалу мақолҳои дар шакли ҷумлаҳои мураккаби пайваст намудҳои пайвасткунӣ – алоқа, истифодаи пайвандакҳо ва дар шакли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ тобишҳои маъноиву алоқаи синтаксисӣ муайян карда шудаанд. хусусиятҳои шабеҳият ва тафриқа дар сохтори ин намуди зарбулмасалҳо дар забонҳои муқоисашаванда нишон дода шудааст.

Яке аз дастовардҳои диссертант он аст, ки мисолҳои зиёд барои тақвияти фикрронию хулосабарорӣ истифода бурда шудааст.

Дар хулоса натиҷаи кор ҷамъбаст карда шудааст. Ба андешаи мо интихоби дурусти методҳои тадқиқотӣ барои хулосабарории аниқу возеҳ мусоидат намудаанд ва инчунин таҳлилу истифодаи маводҳои фактологии зиёд дурустии хулосаҳоро собит гардонидаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки Азизова Зарина сарчашмаҳои зиёди илмиро омӯхта, маводҳои фактологиро аз луғату сарчашмаҳои тадқиқотӣ ҷамъ намуда, дуруст ва бомавқеъ таҳлилу истифода бурдааст.

Хулоса, рисола дар сатҳи лозимаи илмӣ – назарӣ иншо шуда, комил ва ба анҷомрасида ҳисобида мешавад. Муаллиф ба иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташуда пурра ноил гаштааст.

Рисола ба талабот пурра ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя пешниҳод намудани он имконпазир мебошад.

**Роҳбари илмӣ номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи фонетика ва**
**лексикологияи забони англисии**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**"Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров",**

**Нематуллоева Мавлуда Негматовна**

**"Имзои М.Н. Нематуллоеваро тасдиқ мекунам".**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон**
**Ғафуров":**

**Наврӯзов Эҳсон Маъмурович**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Хуҷанд,гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992)9004420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru.**

10 апрели соли 2023